# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқотҳои таърихнигорон, адабиётшиносону педагогон шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷиҳати инкишофи назми классики асри X нахустин рӯзгори дурахши адабиёти халқи тоҷикро ташкил медиҳад. Адабиёти ин давра на фақат оғози тараққии адабиёти классикии тоҷик аст, балки дар сайру такомули он чун асос аҳамияти бузург дорад. Дар ин давра устоди шоирон Рӯдакӣ ва дар охири он суханвари ҷаҳонӣ Фирдавсӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Абуали ибни Сино низ аз нобиғаҳои аср буд. Шаҳиди Балхӣ аз дӯстон ва ҳамкорони Рӯдакӣ буда, ба ду забон - арабӣ ва тоҷикӣ шеър мегуфт. Ӯ бо олими машҳури соҳаи фалсафа Закариёи Розӣ дар масоили гуногуни илмӣ баҳсу мунозираҳо пайваста, фикрҳояшро дар шакли рисола менавишт.

Аксари адибони дигаре, ки дар ин аср рӯзгор ба сар мебурданд, низ соҳиби шуҳрати хосе буда, дар адабиёти тоҷик бо фаъолияти эҷодии худ мақоми арҷмандеро соҳиб шуданд. Абушакури Балхӣ, Кисойии Марвазӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Муродӣ, Фароловӣ, Хусравонӣ, Гургонӣ, Тоҳирӣ, Чағонӣ, Мунҷиқ, Абдулфатҳи Бустӣ, Майсарӣ ва дигарон намояндагони барҷастаи адабиёти ин давра мебошанд. Дар замонҳои баъдина кам ба назар мерасад, ки дар як аср ин қадар суханварони соҳибмақоме ба камол расида бошанд, ки доройи табъи салиму истеъдоди фитрӣ бошанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз асри IX сар карда адабиёти тоҷик ба забоне офарида мешавад, ки бо он имрӯз ҳам мардуми мо гуфтугӯ доранд. Забони осори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абуали Сино, Носири Хусрав, У.Кайковус ва дигарон аз ҷиҳати таркиби луғавӣ, таъбиру ифодаҳо, воситаҳои тасвир, сарфу наҳв ва тарзи талаффуз аз забони ҳозираи тоҷик фарқи куллие надорад. Бар замми ин, анъанаҳои асосии адабиёти тоҷик дар ҳамин замон ба вуҷуд омада, минбаъд инкишоф ёфтанд. Асоси назариявии адабиёти тоҷик ва талабҳои эстетикии он дар ҳамин давра гузошта шуд. Жанрҳои навъҳои асосии адабиёти мо дар насру назм - қисса, қисса андар қисса, ҳикоят, қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, маснавӣ, хелҳои гуногуни достон маҳз дар ҳамин асрҳо тавлид гардида, ба низом дароварда шуданд ва минбаъда тараққӣ карданд. Вазни арӯз ва тарзи ҳатмии қофиябандии хос барои хар як навъи шеъри тоҷикӣ низ дар ҳамин давра устувор гардид. Ҳамаи ин пайвандҳои ногусастание мебошанд, ки адабиёти асрҳои IX-X-ро бо тамоми давраҳои адабиёти минбаъдаи мо пайваст менамоянд ва тамоми ин адабиётро чун як адабиёти томи дорои қонунҳо, талабҳо, ҳадафҳо ва анъанаҳои устувор ҷилва медиҳанд.

Ҳадафи муроҷиат ба таърихи мухтасари гузаштаи адабиёти тоҷик дар асри X аз нигоҳ доштан ва ташаккул додани мақоми он дар асрҳои баъдӣ, тақвияти ҳаматарафаи худшиносии миллӣ ва ба кор гирифтани беҳтарин сабақҳо ва намунаҳо барои ояндасозӣ иборат мебошад.

Педагогикаи миллӣ, ки асоситарин рукни мунтақилдиҳандаи арзишҳои миллӣ дар масири таърих маҳсуб мешавад ва бунёди он бар ақидаҳои педагогии мутафаккирони адабиёти форсу тоҷик, бахусус мутафаккирони асрҳои X-XI асос ёфтааст, мавриди таҳлилу баррасии аҳли донишу пажӯҳиш қарор додани он амри муҳим ва зарурист.

Маҳз рисолаи доктории докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқиқоти актуалӣ дар педагогикаи миллӣ мебошад.

Мутолиаи диссертатсия нишон дод, ки муҳаққиқ бо истифода аз адабиёти илмиву методӣ ва адабӣ, ташкили суҳбату нишастҳо бо куҳансолони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ паҳлӯҳҳои зиёди мавзуи таҳқиқотиро мавриди пажӯҳиш қарор дода, натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Аз ҷумла, Саидиброимов Ш.О. мавзуро ба бобҳои. "Асарҳои муттафакирон ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии рушди хирад (боби 1), "Дурустии ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI-и форси тоҷик (боби 2), "Ҳамбастагиҳои ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон (боби 3) ва "Истифодаи ғояҳои рушди хирад барои ташаккули сирати миллӣ дар раванди муосири таҳсилот (боби 4) ҷудо намуда, ҳар як бобро таҳқиқи дуруст ва асоснок намудааст.

Дар мукаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи кор, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия дар бораи асарҳои мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии рушди хирад андешаҳо оварда шудаанд. Ақидаҳои овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, иқтибосҳову мисолҳои овардашуда ба мавзуъ мувофиқ мебошанд.

Дар боби дуюми диссертатсия ақидаҳои мутафаккирон: Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Сино ва А.Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муқоиса ва таҳлил карда шудаанд. Умумият, фарқият ва ҳамбастагии ақидаҳои ин мутафаккирон оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ омӯхта ва асоснок карда шудааст.

Боби сеюм роҷеъ ба хусусиятҳои хоси педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон дар тарбияи фарзанд, нақши анъанаи милливу мардумии Наврӯзӣ дар ташаккули сирати миллӣ ва фарҳанги маънавии мардуми Бадахшон, ҳамбастагии ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик ва педагогикаи мардумии Бадахшон дар шинохти ҳаққи падару модар бахшида шудааст ва таҳқиқотҳои асоснок дар ин самт анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, диссертант қайд намудааст, ки оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик дар ҳамбастагиҳо ба педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон аз ҷониби чи олимони ватанӣ ва чи хориҷӣ баъзе корҳо анҷом дода шуда бошанд ҳам, кори таҳқиқотии мазкур вобаста ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ таҳқиқоти нав аст ва навгониҳои таҳқиқотро пурра муайн намудааст.

Боби чоруми рисола раванди амалишавии арзишҳои педагогии мутафаккирон дар муассисаҳои таълимии интихобӣ ва ҳамрадифи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Баадхшон ва филиали муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ-ро дар бар гирифтаанст. Роҳҳои амалӣ

намудани мавзуи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар педагогикаи муосир нишон дода шуда, мисолҳои зиёд аз таҷриба оварда шудаанд.

Дар ин боб баррасӣ карда шудааст, ки дар қисмати назариявии рисола ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик оид ба хирад ва ташаккули сирати миллӣ оварда шудаанд ва тавсия дода шудааст, ки мақсаднок аст, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ақидаҳои таҳқиқшударо худ омӯхта, барои омӯхтану аз худ кардан ва дар амал татбиқ намудани афкори педагогии ин мутафаккирон шогирдонро раҳнамоӣ кунанд. Аз ин лиҳоз, дарси омӯзгор бояд ба талаботи рӯз ҷавобгӯ бошад, ки он вижагии асосии таълиму тарбия мебошад.

Диссертант тули чанд сол, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ вобаста ба мавзуи кори илмӣ-таҳиқотӣ муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, муассисаи давлатии филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар ВМКБ ва бахусус, муассисаҳои такягоҳӣ, ки филиали зикргардида солиёни дароз дар асоси Барномаи "Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт-омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон" дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ба ин муассисаҳо ҳамкорӣ доштаас, ба ҳайси муассисаҳои таҷрибавӣ интихоб карда, натиҷаи таҷриба ва таҳқиқот дар рисолаи докторӣ ҷой дода шудааст.

Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ
бо асосҳои технологияи информматсионии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абӯали ибни Сино” Қодиров Бахтиёр Розиқович
18.03.2025
СУРОҒА: 73403, шаҳри Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино,29
СУРОҒА: 73403, шаҳри Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино,29
ТАМОС: Тел.+992 92 – 633- 55-04
Почтаи электронӣ: bakhtiyor_0663@mail.ru

Имзои Б.Р. Қодировро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино”,
номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.